**ХУЛОСАИ**

**шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ**

*(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295)*

Парвандаи аттестатсионии №_______________
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 16.06.2026, №32

Барои сазовор донистани Кароматуллои Юсуф, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология.

Диссертатсияи унвонҷӯ Кароматуллои Юсуф дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология ба ҳимоя санаи 06.04.2026 қабул карда шуд, протоколи №27-уми шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, www.tnu.tj), ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 июли соли 2022, №111/шд бо рамзи 6D.КОА-057 (тағйирот ба ҳайати шурои диссертатсионӣ тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.12.2024, №428/шд, аз 02.02.2026, №37/шд) таъсис дода шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Кароматуллои Юсуф 22.08.1994 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Соли 2017 факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси иқтисод ва идоракунии саноати кӯҳкорӣ ва геологӣ-иктишофӣ хатм намудааст.

Кароматуллои Юсуф солҳои 2018-2021 ба ҳайси унвонҷӯ дар кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул гардидааст.

Аз моҳи сентябри соли 2017 то соли 2021 дар вазифаи ассистенти кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, аз соли 2021 то 2025 дар вазифаи муовини декан оид ба таълим, аз моҳи июли соли 2025 то моҳи январи соли 2026 дар вазифаи нозири калон оид ба кадрҳои Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва аз моҳи январи соли 2026 то инҷониб дар

вазифаи сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузории Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон кору фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Валиев Шариф Файзуллоевич - доктори илмҳои геологию минералогӣ, и.в. профессор, сарходими илмии озмоишгоҳи баҳодиҳии хатарҳои сейсмикии Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Гулаҳмадзода Аминҷон Абдуҷаббор** – доктори илмҳои техникӣ, директори Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
- **Фозилов Ҷивоншо Нурович** – номзади илмҳои геология ва минералогия, дотсент, мудири кафедраи минерология ва петрографияи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгориии Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ», дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи геоэкологияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгориии Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» Шоназаров Б.Б., эксперт – доктори илмҳои география Муҳаббатов Х.М., котиби илмии ҷаласа Абдукаримзода Қ. имзо гардида, бо имзою мӯҳри ректори муассиса, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И. пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Кароматуллои Юсуф дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо

мутахассисонӣ бевоситаи соҳаи геология ва техникӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 14 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

**I.Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

1. Кароматуллои Ю. Вазъи кунунӣ ва дурнамои захираҳои ангишт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ю. Кароматуллои, С.А. Таваров // Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. – 2020. – №1. - С. 36-42; ISSN 2664-1534.

2. Кароматуллои Ю. Таҳлили вазъи саноати ангишти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ю.Кароматуллои // Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. – 2020. – №4. – С. 66-71; ISSN 2664-1534.

3. Кароматуллои Ю. Хусусиятҳои сифатии конҳои ангишти Тоҷикистони Марказӣ / Ю. Кароматуллои // Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. – 2022. – №2. – С. 49-55; ISSN 2664-1534.

4. Кароматуллои Ю. Механизми ҷалби сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноати ангишт / Ю. Кароматуллои, О.С. Табарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №2. – С. 186-191; ISSN 2413-5151.

5. Кароматуллои Ю. Хусусиятҳои геоморфологӣ ва таснифи физикӣ-географии нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор / Ю. Кароматуллои // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои табиӣ. – 2024. – №4. – С 78-81; ISSN 2707-9996.

6. Кароматуллои Ю. Элементҳои асосии морфологӣ ва хусусиятҳои сохтори релефи нишебии шимоли қаторкӯҳи Қаротегин / Ю. Кароматуллои // Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. – 2024. – №4. – С. 33-36; ISSN 2664-1534.

7. Кароматуллои Ю. Мавқеии географӣ, сохтори геологӣ ва шароити иқлимии ҳавзаи болооби дарёи Кофарниҳон / Ю. Кароматуллои // Илм ва инноватсия. Бахши илмҳои геологӣ ва техникӣ. – 2025. – №1. – С.78-83; ISSN 2664-1534.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигар:**

8. Кароматуллои Ю. Тағйирёбии иқлим ва таъсири корхонаҳои саноатӣ ба муҳити зист / Б.Р. Асламов, Ю. Кароматуллои, К.Р. Асадуллоев, М.А. Холмирзоев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ «Муаммоҳои пайдоиши конҳои кандании фоиданоки эндогенӣ». ДМТ, Душанбе, – 2021. – С. 33-37.

9. Кароматуллои Ю. История изучения угольных месторождений Центрального Таджикистана / Ю. Кароматуллои // Маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ «Муаммоҳои пайдоиши конҳои канданиҳои фоиданоки эндогенӣ». ДМТ, Душанбе, – 2021. – С. 48-51.

10. Кароматуллои Ю. Истихроҷи кони ангишти Зиддӣ ва таъсири он ба муҳити атроф / Ю. Кароматуллои //Маводи конфренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ «Муаммоҳои экологии минтақаҳои табии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, Душанбе, 2021. – С. 146-152.

11. Кароматуллои Ю. Шароити сейсмикии қаторкӯҳҳои Ҳисору Олой / Ю. Кароматуллои, Э.С. Юсупов, Ҳ.Ш. Валиев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Проблемаҳои геология ва коркарди конҳои канданиҳои фоиданок» бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040)». ДМТ, Душанбе, – 2024. – С. 156-162.

12. Кароматуллои Ю. Сохтори геологии нишебии ҷануби қаторкӯҳҳои Ҳисор / Ш.Ф. Валиев, Ю. Кароматуллои // Маводи Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ «Тағйирёбии иқлим: пиряхҳо ва захираҳои обии Осиёи Миёна». МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», – 2024. – С. 352- 361.

13. Кароматуллои Ю. Сохтори тектоникии нишебии ҷануби қаторкӯҳҳои Ҳисор / Ш.Ф. Валиев, Ю. Кароматуллои, Э.С. Юсупов, Б.Р. Асламов // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Масоили геологӣ: дурнамо ва рушди соҳа». Донишгоҳи давлатии Данғара, – 2024. – С.71-80.

14. Кароматуллои Ю. Татбиқи энергияи сабз дар шабакаҳои обии нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор / Ю. Кароматуллои // Маводи конфренсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Пиряхҳои Тоҷикистон – манбаи захираи обҳои Осиёи Марказӣ дар шароити тағйирёбии иқлим». ДМТ, Душанбе, – 2025, – С.289-294.

**Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Усупаев Ш.Э. - доктори илмҳои геологию минералогӣ, профессор, ходими пешбари илмии шуъбаи геодинамика ва геориски Институти илмӣ-таҳқиқотии Осиёи Марказӣ оид ба Замин (Ҷумҳурии Қирғизистон).

2. Мамадҷонов Ю.М. - номзади илмҳои геологию минералогӣ, котиби илмии Маркази илмӣ-таҳқиқотии экология ва муҳити зисти Осиёи Марказӣ (шаҳри Душанбе).

3. Каримов А.А. - номзади илмҳои геологию минералогӣ, директори КВД илмӣ-истеҳсолии “Табиат”-и Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4. Шерализода Н.Ш. - номзади илмҳои геологию минералогӣ, сардори Маркази миллии ҳифзи қабати озони Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

5. Файзуллоев Ш.А. - номзади илмҳои геологию минералогӣ, роҳбари гурӯҳи технологияи геоиттилоотӣ ва зондкунии дистансионии Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Муқарризони ғайрирасмӣ тақризҳои мусбат навишта, муаллифро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд**, ки дар таҳқиқи илмии анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:

- бори аввал хусусиятҳои шароити геоэкологии минтақаи истихроҷ ва коркарди конҳои ангишт ошкор ва муқаррар карда шуданд.
- бори аввал хавфҳои геологӣ вобаста ба фаъолияти техногенӣ-истихроҷӣ ва коркарди конҳои ангишт арзёбӣ гардиданд.
- аввалин маротиба харитаҳои хавфҳои табиӣ-геоэкологӣ ва арзёбии таъсирбахшии онҳо ба муҳити геоэкологӣ тартиб дода шуданд.
- бори аввал тадбирҳо ва тавсияҳо оид ба коҳиш додани таъсирбахшии хавфҳои табиӣ, экологӣ ва техногенӣ таҳия карда шуданд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст:**

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои илмӣ-амалӣ, хулоса ва тавсияҳои дар кори диссертатсионӣ овардашуда пурра асоснок ва дақиқ карда шуда, ҳамчунин дар сатҳи олӣ бо истифода аз баргузории корҳои саҳроӣ ва таҷрибавӣ иҷро гардидаанд. Усулҳои таҳлилӣ, оморӣ ва математикӣ эътимоднокии натиҷаҳоро таъмин мекунанд.

Таҳияи харитаҳои инженерӣ-геологӣ ва геоэкологии нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор дар миқёсҳои гуногун имконияти таҳлили ҳолати кунунии фазои ҷуғрофӣ-геологии минтақа, омӯзиши мушкилоти геоэкологӣ ва муқовимати онҳо ба хавфҳои табиию геоэкологӣ ва таъсири фаъолияти техногенӣ, муқаррар намудани шароити геоэкологии минтақа ҳангоми фаъолияти техногенӣ, таҳияи чораҳои ҳифзкунандаи табиӣ доир ба беҳбуд бахшидан ба фазои табиии минтақа мусоидат менамоянд.

Инчунин, дараҷаи эътимоднокӣ бо чопи мақолаҳо ва натиҷҳои ба дастомада асоснок карда шудаанд. Ғайр аз он маводи фондии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин аз адабиётҳои чопшуда истифода карда шудаанд.

Натиҷаҳои илмӣ-амалӣ, ки аз маълумоти корҳои саҳроӣ ва таҷрибавӣ бар меоянд, таҳлил, хулосаҳою тавсияҳо бо усулҳои таҳлилӣ, оморӣ ва математикӣ асоснок ва дақиқ карда шуда, эътимоднокии натиҷаҳоро таъмин мекунанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия:** Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот метавонанд аз ҷониби Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми истихроҷи конҳои ангишт, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъсири истихроҷи конҳои канданиҳои фоиданок ба

муҳити зист, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи чорабиниҳо оид ба пешгирии падидаҳои хатарноки табиӣ ва инчунин дар раванди таълим ва корҳои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба самтҳои геологӣ ва географӣ дар вақти гузаронидани лексияҳо, дарсҳои лабораторӣ ва амалӣ истифода гарданд.

Қисмҳои ҷудогона ва натиҷаҳои муайяни кор вобаста ба мавзуи диссертатсия дар шакли тавсияҳо барои татбиқ дар истеҳсолот (санадҳои татбиқ аз ҷониби КВД "Ангишти тоҷик" санаи 27.05 соли 2025 ва аз ҷониби КФ КА "Зиддӣ" санаи 17.09 соли 2025) пешниҳод карда шудааст.

**Муайян карда шудаанд, ки** хусусиятҳои геоэкологии майдони конҳои ангишти минтақаи нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор дар давраи истихроҷ ва коркарди ангишт ба тағйирёбии ландшафт, релеф, орогидрография, олами набот ва ҳайвонот дучор гардидааст.

Исбот карда шуд, ки таъсири техногенӣ ба фазои геоэкологӣ дар натиҷаи вусъатёбии равандҳои муосири инженерӣ-геологӣ ҳангоми фаъолияти пурсамари корхонаҳои саноати кӯҳии истихроҷи конҳои канданиҳои фоиданок, ки ба экосистемаи минтақа таъсири манфӣ мерасонанд, ба амал меоянд.

Харитаҳои табиӣ-геоэкологӣ, арзёбӣ ва типикунонии хавфҳои геологӣ ва инчунин, чораҳои ҳифзкунандаи табиии таҳияшуда имконияти коҳиш додани таъсири онҳоро ба фазои геоэкологӣ фароҳам меорад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** нишон медиҳад, ки дараҷаи асоснокӣ ва дақиқии онҳо баланд мебошад. Ин ба истифодаи василаҳои муосири таҳқиқотӣ – аз ҷумла усулҳои таҳлили замонавӣ вобаста аст. Натиҷаҳои илмӣ-амалӣ, ки аз маълумоти корҳои саҳроӣ ва таҷрибавӣ бар меоянд, таҳлил, хулосаҳою тавсияҳо бо усулҳои таҳлилӣ, оморӣ ва математикӣ асоснок ва дақиқ карда шуда, эътимоднокии натиҷаҳоро таъмин мекунанд.

**Ғоя асоснок шудааст**, ки он дар васеъ намудани фаҳмиши илмии равандҳои муҳандисӣ-геоэкологӣ ба муҳити табиӣ, аз ҷумла ба минтақаҳои конҳои истихроҷи ангшти зери хатари ҷиддӣ қарор дошта зоҳир мегардад. Таҳқиқот маҷмӯи васеи ҷанбаҳоро дар бар мегирад - аз ҳифзи минтақаҳои аҳолинишин ва иншоотҳои ҳаётан муҳимми хоҷагии халқ то ташкили заминаҳо барои рушди устувори ҳудудҳо. Равандҳои мавриди баррасишуда ба пешгири ва таҳия чораҳо оид ба коҳиш додани ин хатарҳо, ҳолатҳои фавқулода, ки ба нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҳаёти аҳолии маҳаллӣ таъсири гуногунҷанба мерасонанд, равона гардидаанд.

Пояи методологиии таҳқиқот аз равиши системавӣ иборат аст, ки таҳлили мукаммали тағйиротро ҳам дар муҳити берунӣ ва ҳам дар муҳити дохилии фаъолияти объектҳои таҳқиқшаванда таъмин менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот, чораҳои ҳифзкунандаи табиии таҳияшуда метавонанд дар фаъолияти ояндадори иншооти Вазорати саноат ва

технологияи навини Ҷумҳурии Тоҷикистон барои коҳиш додани таъсири хавфҳои геоэкологӣ истифода гарданд. Ҷорӣ намудан ва амалисозии маҷмуи чорабиниҳои геоэкологии пешниҳодшаванда фаъолияти самарабахши конҳои истихроҷи маъдании минтақаро таъмин намуда, ҷори намудани иқтисодиёти сабзро дар таъмини энергетикии кишвар роҳандози менамояд.

Хусусиятҳои умумии конҳои маъдании истихроҷшаванда муҳити геоэкологиро дар минтақа тағйир медиҳанд, инчунин ба зуҳуроти эҳтимолии ба вуҷуд омадани хавфҳои геоэкологӣ таъсир мерасонад. Тамоюли равшани афзоиши таъсири ин омилҳо ба вазъи экологӣ ва демографии минтақа таъсири манфӣ мерасонанд, муайян шудаанд.

Таҳияи харитаҳои инженерӣ-геологӣ ва геоэкологии нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор дар миқёсҳои гуногун имконияти таҳлили ҳолати кунунии фазои ҷуғрофӣ-геологии минтақа, омӯзиши мушкилоти геоэкологӣ ва муқовимати онҳо ба хавфҳои табиию геоэкологӣ ва таъсири фаъолияти техногенӣ, муқаррар намудани шароити геоэкологии минтақа ҳангоми фаъолияти техногенӣ; таҳияи чораҳои ҳифзкунандаи табиӣ доир ба беҳбуд бахшидан ба фазои табиии минтақа мусоидат менамоянд.

Таҳлили қонуниятҳои пайдоиши хавҳои геологӣ ва маълумотҳои пешгӯии онҳо нишон медиҳад, ки нишебиҳои ноустувор ва эҳтимолии ноустувори сейсмикии вайроншуда ба таъсири фаъоли ҳар як омили табиӣ бештар ҳассосона муносибат мекунанд.

Истифодаи усулҳои умумии илмӣ, аз қабили таҳлили системавӣ ва сохторӣ имконият дод, ки объекти тадқиқот дар ҳамбастагӣ бо ҷузъҳои табиӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фазоии он ба таври ҳамаҷониба баррасӣ гардад.

Ҳамзамон, истифодаи усулҳои махсуси геоэкологӣ, аз ҷумла мушоҳидаҳои муқоисавӣ, тадқиқоти саҳроӣ ва картография, имкон доданд, ки маълумоти бо далелҳои таҷрибавӣ асоснок оид ба таъсири негативии хавфҳои табиӣ ба даст оварда шаванд.

Коркарди маълумоти ибтидоӣ бо истифода аз таҳлили фазоӣ анҷом дода шуд, ки сатҳи баланди эътимоднокӣ ва такроршавии натиҷаҳоро таъмин намуд. Ин гуна равиш асоснокии илмии хулосаҳои бадастомадаро таъмин сохт.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Мавзуи таҳқиқот ба омӯзиши хусусиятҳои геоэкологии майдони конҳои ангишт ва равандҳои хатарноки табиӣ дар ҳудуди Тоҷикистони Марказӣ равона шудааст, ки дар давраи солҳои 2018-2025 унвонҷӯ дар ҳамкорӣ бо устодони кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи факултети геологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузаронидааст. Мустақилона харитаҳои гидрологии минтақа, релефи нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор, ландшафтҳои нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор, хокҳои нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор, мониторинг ва арзёбии хавфҳои табиии нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор, харитаҳои инженерӣ-геоэкологии минтақаи омӯзишӣ, харитаи инженерӣ-геоэкологии

хавфҳои табиӣ нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор, тадбирҳои конструктивӣ ва технологии ҷори намудани НБО-и хурд ва технологияи муосири кашонидани ангиштро таҳия намудааст.

Дар маҷлиси 16 июни соли 2026 шурои муштараки диссертатсионии 6D.KOA-057-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қарори сазовор донистани Кароматуллои Юсуф ба дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология қабул гардид.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар (1 нафар тариқи маҷозӣ) иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 1.6.32. Геоэкология 3 нафар.

Аз 15 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд овоз доданд: тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои физикаю математика Каримов Ф.Ҳ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ Ғайратов М.Т.

16.06.2026 с.